УДК- 58+615.4
ББК- 42.143
Ш-30

# МАВҚЕИ ГИЁҲҲОИ ШИФОБАХШИ ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ ДАР ҲИФЗИ САЛОМАТИИ АҲОЛӢ ВА ИМКОНИЯТИ РУШДИ ИСТЕҲСОЛИ ДОРУВОРӢ

***Шарипова Саноат Восидовна*** *- ассистенти кафедраи экология ва ҳифзи табиати МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров", e-mail: sanoat_sharipova@mail.ru*
***Собиров Мурод Собитович*** *- дотсенти кафедраи экология ва ҳифзи табиати МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров", номзади илмҳои кишоварзӣ*
***Очилова Фотима Ҳамдамовна*** *- дотсенти кафедраи экология ва ҳифзи табиати МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров", номзади илмҳои биологӣ*
***Эргашева Нодира Восидовна*** *- магистранти ихтисоси "биологияи умумӣ" –и МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров"*

# ЗНАЧЕНИЕ ЛЕКАРСТВЕННЫХ РАСТЕНИЙ СЕВЕРНОГО ТАДЖИКИСТАНА В ОХРАНЕ ЗДОРОВЬЯ НАСЕЛЕНИЯ И ПОТЕНЦИАЛЫ РАЗВИТИЯ ПРОИЗВОДСТВА ЛЕКАРСТВЕННЫХ СРЕДСТВ

***Шарипова Саноат Восидовна*** *- ассистент кафедры экологии и охраны природы ГОУ "Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова", e-mail: sanoat_sharipova@mail.ru*
***Собиров Мурод Собитович*** *- доцент кафедры экологии и охраны природы ГОУ "Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова", кандидат сельскохозяйственных наук*
***Очилова Фотима Хамдамовна*** *- доцент кафедры экологии и охраны природы ГОУ "Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова", кандидат биологических наук*
***Эргашева Нодира Восидовна*** *- Магистр по специальности «Общая биология» ГОУ "Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова".*

# THE SIGNIFICANCE OF MEDICINAL PLANTS OF NORTHERN TAJIKISTAN IN PROTECTION OF POPULATION HEALTH AND DEVELOPMENT POTENTIALS PRODUCTION OF MEDICINES

***Sharipova Sanoat Vosidovna*** *- Assistant of the Department of Ecology and Nature Protection Khujand State University named after academician B. Gafurov, e-mail: sanoat_sharipova@mail.ru*
***Sobirov Murod Sobitovich*** *- Associate Professor, Department of Ecology and Nature Protection, Khujand State University named after academician B. Gafurov, Candidate of Agricultural Sciences*
***Ochilova Fotima Khamdamovna*** *- Associate Professor, Department of Ecology and Nature Protection, Khujand State University named after academician B. Gafurov, Candidate of Biological Sciences*
***Ergasheva Nodira Vosidovna*** *- Master's degree in "General Biology" from Khujand State University named after academician B. Gafurov*

***Вожаҳои калидӣ:*** *растаниҳои шифобахш, саломатии аҳолӣ, қиёму нӯшоба, доруворӣ, истеҳсоли захираҳои табиӣ, хусусиятҳои олами набобот.*

*Дар мақола маълумотҳои назариявии мавҷуда оид ба хосиятҳои шифобахшии растаниҳои худрӯй таҳлил карда шуда, мавқеи онҳо дар таъмини ҳифзи саломатии аҳолӣ баён карда шудааст. Таъкид мегардад, ки олами набототи Тоҷикистон дорои захираҳои бойи доруворӣ шуда метавонад, ки то ҳол дар сатҳи зарурӣ истифода бурда намешавад. Ошкор карда шудааст, ки имкониятҳои васеъи ташкили истеҳсолоти саноатии доруворӣ мавҷуд буда, таваҷҷӯҳи хосаи мақомоти давлатӣ, соҳибкорон ва маблағгузории мақсаднокро талаб менамояд. Инчунин, гузаронидани тадқиқотҳои чуқуру амиқи масъалаи мазкур мувофиқи мақсад мебошад.*

***Ключевые слова:*** *лекарственные растения, здоровье населения, пастила и настойки, фармакологическое производство, природные ресурсы, особенности растительного мира.*

*В статье проанализированы теоретические материалы о лечебных свойствах естественной растительности и изложена их роль в обеспечении охраны здоровье населения. Указывается, что растительный мир Таджикистана обладает богатыми ресурсами фармакологии, которые до сих пор должным образом не используются. Выявлены широкие возможности организации фармацевтических производств на промышленной основе, что требует особого отношения государственных органов, предпринимателей и целевого финансирования. Считается целесообразным проведение глубоких и всесторонних исследований данной проблемы.*

***Key words:*** *medicinal plants, public health, ups and downs, pharmaceutical production, natural resources, features of the plant world.*

*The article analyzes theoretical materials on the medicinal properties of natural vegetation and outlines their role in ensuring the protection of public health. It is indicated that the flora of Tajikistan has rich resources of pharmacology, which are still not properly used. Ample opportunities for organizing pharmaceutical production on an industrial basis have been identified, which requires a special attitude of state bodies, entrepreneurs and targeted financing. It is considered expedient to conduct deep and comprehensive studies of this problem.*

Организми инсон давоми умри худ давраҳои мухталифро мегузаронад ва дар алоқамандӣ бо захираҳои ирсият, муҳити зист, шароити ҳаётӣ, таркиби ғизо, реҷаи хӯрок ва омилҳои дигар, зинаҳои ҳаётро паси сар менамояд. Дар ин давра зери таъсири омилҳои табиӣ ва антропогенӣ организми инсон дучори ҷараёнҳои гуногуни таъсири мутақобила мешавад, ки боиси хуруҷи бемориҳои мухталиф мегардад. Давои бемориҳои инсон истифодаи намудҳои сершумори дорувории табиӣ ва сунъиро тақозо менамояд, ки таъсири манфии ҳамроҳии доруҳо низ ногузир аст. Алалхусус, доруҳои аз маводҳои химиявии синтезӣ истеҳсолшуда дар аксарияти ҳолатҳо ғайр аз дармонбахшӣ ба бемории муайян хосияти ҷамъшавӣ дар организм ё худ нобудсозии гурӯҳи дигари микроорганизмҳои тани инсонро доро мебошанд. Аз ин лиҳоз, олимону муҳаққиқони соҳаи тиб ба хулосае омадаанд, ки истеҳсоли доруҳои дармонбахш аз маводҳои табиӣ мебояд бартарияти кулл дошта бошад. Зеро, истифодаи онҳо таъсири маҷмӯавӣ дошта, ғайр аз давои беморӣ ба узвҳои дигари бадани инсон таъсири манфӣ намерасонад. Манбаи бой ва фаровони табиӣ барои истеҳсоли доруҳо аз моводи табиӣ намояндагони олами набототи ҷаҳон мебошанд, ки дар намудҳои сершумори онҳо хосиятҳои шифобахшӣ муайян карда шудаанд. Масъалаи мазкур аз солҳои таҳаввулоти таърихии башарият мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор доштанд ва алҳол чунин таҳқиқотҳо бештару муфассалтар мунтазам гузаронида мешаванд.

Дар даврахои қадим олими юнонӣ Теофраст беш аз 500 намуди растаниҳои муҳимро барои илми тиб ва рӯзғор дар асари “Таърихи растаниҳои табиӣ” шарҳ додааст ва таъкид менамояд, ки табиат манбаи асосии воситаи дармонбахшӣ маҳсуб меёбад. Шайхурраис, яке аз асосгузорони илми тиб Абӯалӣ ибни Сино дар асари илмии “Ал-қонун-фит-тибб” дар бораи 811 номгӯи доруворӣ маълумоти муфассал меоварад, ки аз онҳо 612 ададаш пайдоиши набототӣ доранд. Анқариби 1000 намуди растаниҳои шифобахшро шарҳ дода Сино қайд менамояд, ки аксарияти онро дар олам васеъ паҳн шудаанд. Масалан, набототшиносон Б.М.Комаров, О.Д.Дадобоева ва дигарон муайян кардаанд, ки наздики 200 намуди растаниҳои шифобахши қайдкардаи Сино дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон месабзанд, ки наъно, савсан, панҷангушт, наргис, заъфарон ва дигарон амсоли онҳоанд. Бояд таъкид кард, ки ин растаниҳо аз ҷониби худи онҳо низ барои табобати беморон истифода бурда мешудааст [1, с.107-110] .

Аниқ карда шудааст, ки давраи ҷамъоварии набототи худрӯй бо мақсади тайёр кардани дуруворӣ тақрибан аз соли 1630 оғоз ёфта то ҳол идома ёфтааст ва дар ташаккули илми дорушиносӣ мавқеи муҳимро дорост. Олимону муҳаққиқони барҷаста И.Г.Гамелия, С.П.Крашенников, И.И.Ленехин, И М.Амбодик-Максимович ва дигарон растаниҳои шифобахшро дар натиҷаи таҳқиқотҳо муайян намуда қайд менамоянд, ки хусусияти шифобахшии растанӣ аз омилҳои муҳим – макони сабзиш, давраи нашъунамо узвҳои алоҳидаи растанӣ, усули ҷамъоварӣ ва хушконидану нигоҳдорӣ, намуди истифода ва ҳоказо

вобаста мебошад. Н.И.Аненков дар “Луғати ботаникӣ”, ки соли 1878 нашр шудааст, оид ба зиёда аз 3500 намуди растаниҳои шифобахши дар тибби халқӣ истифодашаванда маълумоти мухтасар медиҳад, ки бештар тавсифи ботаникии онҳоро пурра менамояд, вале дар рушди фармакология мавқеи назаррас дошта наметавонад.

Бо назардошти натиҷаҳои омӯзиши масъалаи аҳамияти растаниҳои шифобахш дар дурнамои рушди соҳаи дорушиносии ҷаҳон зарур шуморида шуд, ки дар доираи мақолаҳои мазкур баъзе ҷабҳаҳои он дар шароити табиии Тоҷикистони Шимолӣ омӯхта ва таҳқиқ карда шаванд, ки ба натиҷаҳои таҳқиқотии олимону муҳаққиқони сершумор такя менамояд. Муайян карда шудааст, ки алҳол дар илми фармакология истифодаи беш аз 100 ҳазор намуди дору дар шаклҳои гуногун ба роҳ монда шудааст, ки аз 30 ҳазор доруро аз узвҳои мухталифи растанӣ тайёр менамоянд ва ин таҷриба аксарияти мамлакатҳои пешрафтаро фаро гирифтааст. Муҳаққиқон таъкид менамояд, ки аз 300 ҳазор растаниҳои олии ҷаҳон анқариб дар 12 ҳазор растаниҳо хусусиятҳои шифо ва дармонбахшӣ аниқ карда шудааст, вале алҳол таркиби химиявию аҳамияти фармакологии беш аз 1000 намуди растаниҳо таҳқиқ шудаанд.

Илми тибби Тоҷикистон истифодаи 220 намуди растаниҳои шифобахшро имконпазир мешуморад, ки беш аз нисфи онҳо растаниҳои худрӯй мебошанд ва намудҳои боқимондаро дар маҳалҳо парвариш менамоянд. Академик П.Н. Овчинников дар натиҷаи таҳқиқотҳои бисёрсола дар манотиқи васеи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, ки тақрибан 6,5 ҳазор растаниҳои олӣ мавҷуданд ва зиёда аз 1,5 ҳазори онҳо хусусияти шифобахшидошта дар тибби халқӣ васеъ истифода бурда мешаванд. О.Дадобоева қайд менамояд, ки мушкилоти номгузории растаниҳо дар маҳалҳои ҷудогона имконияти истифодаи растаниҳои шифобахшро дар табобати беморон маҳдуд менамояд. Зеро, баъзе растаниҳо дорои хосиятҳои шифобахшӣ бошанд ҳам, хусусиятҳои заҳрнокии хавфнок барои беморонро низ доро мебошанд. Бинобар ин, ҳангоми истифодаи гиёҳҳо дар истеҳсолоти саноатии доруворӣ ва пешниҳоди онҳо барои истеъмол мебояд эҳтиёт дар мадди аввал бошад. [2,с.4-5] Дар ин радиф истифодаи зиёда аз 150 намуди растаниҳои маданӣ низ имконпазир шуморида шуда тавсия дода мешавад, ки баъзе намудҳои растаниҳои шифобахш мебояд мавриди кишти махсус қарор дода шаванд ё худ майдони паҳншавии онҳо осебнопазир бошад. Чунин растаниҳо ба монанди испанд, ҷағҷағ, алафгиёҳ, гули хайрӣ, газна (тавланг), ишлон, мушхор, бангидевона, бодиён, чилбанд (чилбуғум), наъно, пудина, ангат, настаран ва ҳоказо дар маҳалу мавзеъҳои муайян месабзанду мебояд имконияти парвариши онҳо баррасӣ ва ҳаллу фасл карда шаванд.

Аниқ карда шудааст, ки дар натиҷаи рушди илми химия таҳқиқи таркиби химиявии растаниҳо ва мавҷудияти хусусиятҳои шифобахшии онҳо имконпазир гардидааст. Омӯзиш ва ташхисҳо ошкор сохтанд, ки имконияти аз растаниҳо ҷудо намудани моддаю пайвастагиҳои аҳамияти доруворидошта ба мисли хинин, кофеин, кокаин, строфатин, эхинопсин ва ғайра мавҷуд мебошад, ки онҳо хусусияти таъсирбахши муолиҷавӣ доранд. Инчунин, ошкор карда шудааст, ки растаниҳои шифобахш аз худ ҳар гуна моддаҳои фаъоли биологӣ (алколоид, гликозид, спонин, кумарин, равғанҳои эфирдор ва ғайра), омезишҳои ҳархелаи мураккаби органикӣ хориҷ менамоянд, ки ба организми инсон ва ҳам намояндагони олами ҳайвонот хосияти таъсиррасонӣ доранд [3,4].

Натиҷаи омӯзишҳо собит месозанд, ки дар тибби халқӣ ва расмӣ растаниҳо ё худ гиёҳҳои шифобахш маъмулан дар шакли доруҳо ва воситаҳои дармонбахшӣ истифода мегарданд, зеро онҳо дар намуду коркарднашуда хеле аҳён истифода мебаранд. Шакли соддатарини истифодаи гиёҳҳо шакли хока ё худ кӯфтаи қисмҳои наботот (барг, мева, реша, бехреша, гул ва ҳоказо) мебошад, ки тавассути истеъмол ва ё пошидан ба захмҳо истифода бурда мешавад. Дар ин ҷой мебояд махсусан қайд кард, ки дар давраи таърихии ташаккули забони тоҷикӣ вожаи “гиёҳ” ҳаммаъноидаи растаниҳои шифобахш буда истифодаи ибораи “гиёҳҳои шифобахш” носаҳеҳ мебошад, зеро хусусияти дармону давобахшӣ такрор баён карда мешавад.

Маъмулан истифодаи гиёҳҳо ба сифати қиём ва нӯшобаҳо бештар паҳн шудааст, ки моеъи шифобахши гиёҳӣ мебошад ва бо тарзи кӯфтаи узвҳои муайяни растанӣ ва ҷӯшонидани минбаъдаи он то дараҷаи консистенсияи муайян омода кардан мумкин аст. Бо сабабҳои гуногун, аз он ҷумла мӯҳлати давомноки ҷӯшонидан дар ҳарорати пастро тавсия медиҳанд, ки ҳангоми тайёр кардани қиём мебояд ҳатман зарфҳои сирдор истифода карда шаванд. Баъзан, қиём ё нӯшобаро дар шароити хона тавассути рехтани оби ҷӯшида ба массаи гиёҳ дар зарфи махсус низ омода менамоянд, ки истифодаи тарзи полоишро пеш аз истеъмол тақозо менамояд. Дар ин ҳолат, афшура, қиём ё нӯшобаро барои расидан ба дараҷаи зарурӣ то 4-8 соат зарфро пӯшонида дар ҷои салқин ва торик нигоҳ медоранд [5].

Ҷоиз ба қайд аст, ки қиём, афшура, нӯшобаҳои аз гиёҳҳо омодагардида хусусияти тез тағйир ёфтани дараҷаи шифобахширо доранд ва аксаран дар фасли гармо давоми 5-10 соат хосияти дармонбахшӣ аз байн меравад. Аз ин лиҳоз, омода намудани онҳо дар ҳаҷми талаботи ҳаррӯза мувофиқи мақсад дониста мешавад, вале имконияти нигоҳдории онҳо ба мӯҳлати на беш аз се шабонарӯз дар яхдон низ вуҷуд дорад. Дар тибби халқӣ ба маводи омодашудаи гиёҳҳо, одатан равғани бенамаки хук, равғани маска, равғани растанӣ, вазелин ва дигар маводҳоро ҳамроҳ намуда чун малҳами давобахш истифода мебаранд. Одатан, малҳамро барои молидани бадан ва захмбандӣ истифодабарӣ қулайтар ва дармонбахш мебошад.

Гарчанде, ки таркиби химиявии растанӣ мувофиқ барои дармонбахшӣ бошад ҳам, дар он моддаҳои мухталифи фаъоли биологӣ низ мавҷуд аст, ки истифодаи онҳоро бидуни тавсияи духтур ё мутахассиси соҳаи фармакология маҳдуд менамояд. Масалан, дар таркиби пудинаи кӯҳӣ равғанҳои эфирӣ, танин, ментол ва дигар моддаҳо мавҷуданд, ки таъсири талхаронӣ доранд ва метавонанд фаъолияти луобҷудонамоии меъдаро баланд намоянд. Моддаи танин таъсири ғунчакунӣ (кашиш) ва зидди шамолкашӣ дошта, ментол роҳи нафасро тоза ва ҷудошавии балғамро осон мекунад. Вале, истифодаи пудинаи кӯҳӣ, қиём ё шарбату нӯшобаи он барои нафарони дорои захми меъда зараровар мебошад.

Одатан, барои устувор нигоҳ доштани хусусиятҳои шифобахшӣ дар шароити хона ашёи гиёҳиро дар вино (сирко) ё спирт боқӣ гузошта қиём ва нӯшоба омода менамоянд, ки хусусияти нигоҳдории маводро давомнок менамоянд ва он ҳам танҳо бо миқдор ва реҷаи муайяннамудаи духтур ё шифокори касбӣ мебояд истеъмол карда шавад.Усулҳои гуногуни омода намудани қиёму нӯшобаҳо мавҷуданд, ки истифодаи онҳо барои нигоҳдории хусусияти дармонбахшии узвҳои гиёҳ, аз ҷумла мева мувофиқ аст. Масалан аз меваи марҷумак, марминҷон, қулфинай мураббои “хунук” (бидуни ҷӯшонидан) тайёр кардан мумкин аст. Барои ин, меваи тару тозаро дар оби ширгарм шуста барои қисман талафёбии намӣ (об) дар ҳавои кушоди панаҳ аз офтоб нигоҳ медоранд. Баъдтар, меваи нисбатан хушкро аз гӯштқимакунак гузаронида хамираи ҳосилшударо дар таносуби 1:2 бо шакар омехта мекунанд. Маводи ҳосилшударо дар зарфи сирдор ё шишагӣ ҷой дода дар гӯшаи салқин ва торик нигоҳ медоранд. Чунин қиём ё мураббоpо метавон аз аксарияти мева ва узвҳои гиёҳҳо омода намуд, ки дар ин ҳангом хусусияти шифобахшӣ нигоҳ дошта мешавад ва мӯҳлати нигоҳдории доруворӣ зиёд мешавад, вале истифодаи онҳо барои беморони диабети қанд, фишори баланди хун, лейкоз ва ғайра тавсия дода намешавад.

Саноати истеҳсоли доруворӣ дар миқёси ҷаҳон хеле рушд ёфтааст, ки баҳри қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни соҳаи тандурустӣ равона гардидааст, аммо аксарияти ҳаҷми доруворӣ бо истифодаи усулҳои синтези химиявӣ ва микробиологӣ истеҳсол мегардад, ки барои узвҳои солими организми инсон баъзе хусусиятҳояш беасар намемонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саноати истеҳсоли доруворӣ дар сатҳи паст қарор дошта ягон корхонаи истеҳсоли доруворӣ бо синтези химиявӣ, биологӣ, микробиологӣ ва ғайра вуҷуд надорад. Танҳо, баъзе ширкатҳои хусусию тиҷоратӣ ба намудҳои мухталифи қиёму нӯшобаҳо аз маҳсулоти табиӣ ва маводҳои тиббӣ (дока, пахта ва ҳоказо) истеҳсол менамоянд, ки талаботи дохилиро асосан қонеъ менамояд. Дар ин васила қабули қарори махсуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи чораҳои минбаъдаи беҳтар кардани нигоҳдории тандурустӣ” тадбирҳои мушаххасро ҷиҳати беҳтар кардани хизматрасонии тиббӣ, таъмини рушди такомули истеҳсоли доруворӣ ва ғайра пешбинӣ менамояд. Тавассути қабул ва таъмини иҷрои меъёрҳои қарори зикрёфта сатҳи омода намудани мутахассисони дорушинос ва воридоти техникиву технологияҳои нави тиббӣ, таъсису ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳои истеҳсоли доруворӣ, аз ҷумла маҳсулоти тиббӣ (гиёҳҳо) давоми солҳои 2018-2022-юм хеле босуръат ба роҳ монда шуда истодааст. Алалхусус, ташкили гурӯҳҳои босалоҳияти мутахассисон ҷиҳати ҷамъоварии гиёҳҳо давоми мавсимҳои сол, ташкили парвариши растаниҳои шифобахш дар заминҳои махсус (пиёзи анзур, марминҷон, марҷумаки сиёҳ, қулфинай ва ғайра), ҷорӣ намудани шабакаи ҷамъоварӣ коркард, қабул ва фурӯши гиёҳҳо баҳри расидан ба ҳадафҳои гузошташуда хеле манфиатовар аст.

Омӯзишу таҳқиқотҳо нишон медиҳад, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон парвариши навъҳои гуногуни растаниҳои шифобахш (ангат, хуч, мелисса, настаран ва ҳоказо) имконпазир буда захираҳои кофии хокӣ – иқлимӣ ва дигари табиӣ мавҷуданд. Бар замми он ташкили корхонаҳои истеҳсоли саноати доруворӣ дар заминаи маводҳои ҷамъгаштаи табиӣ барои қисман иваз намудани маҳсулоти тиббии бозори дохилӣ (синтези химиявӣ, микробиологӣ) бо доруворӣ аз гиёҳҳо мусоидат менамояд, ки дар ҳифзи саломатии аҳолии кишвар тадбири таъсиррасони мусбат маҳсуб мeёбад. Агар бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар доираи салоҳият ва вазифаҳои мақомоти давлатии ҷангал гурӯҳи махсуси ҷамъоварии гиёҳҳо тавассути нақшабандӣ вобаста карда шаванд, ҳаҷм ва давраи нашъунамо вазифадор карда мешавад, тадбири муваффақ хоҳад шуд. Зеро аксарияти гиёҳҳо дар заминҳои фонди давлатии ҷангал месабзанд. Дар ин васила масъалаи гирифтани иҷозат барои ҷамъоварии растаниҳои нодир ва пардохти ҳатмии маблағ барои ин амал ба воситаҳои махсуси маҳаллӣ низ ҳамчу фасл мегардид. Инчунин, пешбинӣ гардидани воҳиди кории гиёҳшинос дар ҳайати воҳидҳои кории муассисаи давлатии хоҷагии ҷангал сатҳу сифати ҷамъоварӣ ва омода намудани гиёҳҳоро ба муассисаҳои дорусозӣ беҳтар менамояд. Давоми ин чараён ба мавҷудияти анбори махсус гардонидашудаи мақомоти назорати дорусозӣ мебошад, ки имконияти пешниҳоди маводи гиёҳҳии хушсифатро ба саноатии доруозӣ фароҳам меоварад. Ғайр аз тадбирҳои зикргардида захираҳои фаровони болобардории сатҳи истифодаи растаниҳои шифобахши Тоҷикистони Шимолӣ мавҷуданд, ки дар қатори онҳо истифодаи ҳаҷми муайяни гиёҳҳо барои ҳамроҳнамои ба иловаҳои фаъоли биологӣ (БАД)-ро метавон қайд намуд.


ПАЙНАВИШТ

1. Азонзод Х. Растаниҳои шифоӣ ва ғизоӣ. Душаанбе: Адиб, 2010. –685с.
2. Бердимуҳаммедов Г. М. Лекарственные растения Туркменистана. Ашхабад: Қлим, 2009.-343с.
3. Гончаров Н. Ф. Районы флоры Таджикистана и их растительность. – В кн.: Флора Таджикистана. Т. 5. М.-Л., 1937, с. 7-94.
4. Дадобоева О. Луғати номҳои илмӣ ва маҳаллии растаниҳои доругии Тоҷикистони Шимолӣ, Словарь научных и местных названий лекарственных растений Северного Таджикистана. Душанбе.: Ирфон, 1972. с.4-5.
5. Зоҳидов Ҳ. Канзи шифо. Душанбе.: Ирфон, 1991.-720с
6. Малышев Л. И. Стратегия и тактика охраны флоры. – Бот. журн., 1980, т. 65, № 6., с. 875-880
7. Комаров Б. М. Определитель растений Северного Таджикистана. Душанбе, 1967. 495 с.
8. Ходжиматов М. Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана. Душанбе: Ирфон, 1989. –368с.
9. Ҳайдаров К. Лечебные растения Таджикистана. Душанбе: Ирфон, 1988. – 86с.

LITERATURE

1. Azonzod X. Rastanihoi shifoi va gizoi. Dushaanbe: Adib, 2010. - 685 p.
2. Berdimuhammedov G. M. Medicinal plants of Turkmenistan. Ashgabat: Klim, 2009.- 343 p.
3. Goncharov N. F. Areas of the flora of Tajikistan and their vegetation. - In the book: Flora of Tajikistan. T. 5. M.-L., 1937, p.7-94
4. Dadoboeva O. Lugati nomkhoi ilmi va mahallii rastanihoi dorugii Tojikistoni Shimoli, Dictionary of scientific and local names of medicinal plants of Northern Tajikistan. Dushanbe.: Irfon, 1972. 4-5 p.
5. Zohidov H. Kanzi shifo. Dushanbe.: Irfon, 1991.-720 p

1. Malyshev L. I. Strategy and tactics of flora protection. - Bot. journal, 1980, vol. 65, no. 6., 875-880 p.
2. Komarov B.M. Key to plants of Northern Tajikistan. Dushanbe, 1967. 495 p.
3. Khodzhimatov M. Wild medicinal plants of Tajikistan. Dushanbe: Irfon, 1989. - 368 p.

Khaidarov K. Medicinal plants of Tajikistan. Dushanbe: Irfon, 1988. - 86 p.